«Тасдиқ менамоям»:
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара
_____ н.и.т., д.и.п. Шоҳиён Н.Н.
«31» 01 2022

ХУЛОСАИ
КАФЕДРАИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

Диссертатсияи Раҳмоналиев Ҷовидон Худоёрович таҳти унвони “Лексикаи «Кимиёи саодат»-и Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Данғара ба анҷом расидааст.

Раҳмоналиев Ҷовидон Худоёрович соли 2017 ба шуъбаи аспирантура ва докторантураи Донишгоҳи давлатии Данғара дохил шуда, онро соли 2021 хатм намудааст.

Раҳмоналиев Ҷовидон Худоёрович фаъолияти омӯзгории худро аз соли 2015 дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Дағара шурӯъ кардааст. Ӯ соли 2013 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Айни ҳол дар департаменти таълим ва идораи сифати таҳсилоти Донишгоҳи давлатии Данғара ба ҳайси мудири шуъбаи мониторинги сифати таҳсилот ва гузариш ба аккредитатсияи байналмилалӣ кор ва фаъолият намуда истодааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯй доктори илмҳои филологӣ, профессор, Ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе Мухторов Зайнидин Мухторович мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Раҳмоналиев Ҷовидон Худоёрович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара аз 30-юми декабри соли 2017, таҳти №5 тасдиқ гардидааст.

Шаҳодатномаи имтиҳонҳои номзадии Раҳмоналиев Ҷовидон Худоёрович аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм, забони хориҷӣ (англисӣ) аз ҷониби муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Данғара дода шуда, тахти рақами №5 ба қайд гирифта шудааст. Зимни супоридан аз имтиҳонҳои мазкур аз ҷониби ҳайати комиссия н.и.т., д.и.п., ректори Донишгоҳи давлатии Данғара Шоҳиён Н.Н. (раиси комиссия), н.и.х., дотсент, муовини ректор оид ба илм ва татбиқот Тағозода С.Э. (ҷонишини раиси комиссия), д.и.ф., профессор, декани факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маҳмадизода Н., д.и.ф., профессор, мудири кафедраи онтология ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Худойдодзода Ф.Б., мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва идораи минтақавии Донишгоҳи давлатии Данғара Азизов К.Ҷ., мудири кафедраи кори иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муллобоева Д.А. (аъзои комиссия), ба диссертант аз фанни таърих ва фалсафаи илм баҳои 5 (аъло), аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) аз ҷониби ҳайати комиссия н.и.т., д.и.п., ректори Донишгоҳи давлатии Данғара Шоҳиён Н.Н. (раиси комиссия), н.и.х., дотсент, муовини ректор оид ба илм ва татбиқот Тағозода С.Э. (ҷонишини раиси комиссия), д.и.ф., профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хоҷаева С.О., н.и.ф., мудири кафедраи назария ва амалияи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Данғара Самардинов Қ.Н., саромӯзгори кафедраи назария ва амалияи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Данғара Бегиев И. баҳои 5 (аъло)-ро сазовор донистанд.

Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Муаллифи диссертатсия ба таҳқиқи мавзуе дастёб шудааст, ки дар доираи асари «Кимиёи саодат» кори дастнохӯрдаи наву ҷолиб мебошад. Омӯзиши хусусиятҳои луғавию семантикӣ бе шаку шубҳа, яке масъалаҳои мубрам дар забоншиносии муосир маҳсуб мешавад. Зеро дар ҷараёни таҳқиқи низоми луғавии забони тоҷикӣ, на танҳо ба қонуниятҳои умумии ташаккули он, балки ба қисмҳои алоҳидаи семантикӣ, гурӯҳҳои луғавӣ ва маъноӣ диққат дода мешавад.

Роҳҳои асосии омӯзиш ва баррасии лексика дар доираи мероси адибони чудогона сурат мегирад, ки дар забоншиносии муосир аз ҷониби муҳаққиқон доир ба он диққати махсус зоҳир карда мешавад. Бо баррасии таҳлили забони осори мутафаккирони тоҷику форс дар забоншиносии муосир имконият пайдо мешавад, ки ҷанбаҳои мавзуӣ ва семантикӣ, баромади калима ва ибораҳо муайян карда шуда, раванди ганӣ гардидани таркиби луғавӣ рӯшан мегардад.

Дар забони тоҷикӣ назарияҳои илман асоснокшуда дар самти муайян намудани хусусияти забон ва тарзи баён зиёд ба чашм расад ҳам, муайян ва омӯзиши забон ва услуби осори Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ, махсусан шоҳасари ӯ – «Кимиёи саодат», то ба имрӯз аз масъалаҳои мубрам ва таҳқиқталаб дониста мешаванд. Дар ин миён бояд иброз дошт, ки нақшу мақоми адибону ҳакимони чудогона дар таҳаввулу рушди забони адабӣ қиёснопазир ва беназир буда, эшон бо забони осори худ дар таърихи забони арабӣ саҳми басо назаррас доштаанд, ки бемуҳобо осори эшон ба мисоли як оинаи тамомнамои забон дар як марҳилаи муайян будаанд. Дар ин росто Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ аз бузургтарин суханвар ва сухангустар, адибу ҳаким ва олиму ҳидоятгари басо муваффақ муаррифӣ мешавад.

Дар кори диссертатсионии мазкур ҷанбаҳои луғавӣ ва семантикии асари «Кимиёи саодат»-и Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст. Омӯзиши мавзуи интихобгардидаро масъалаи таҳқиқи воҳидҳои луғавӣ дар доираи матни бадеӣ, инчунин сатҳи нокифояи омӯзиши таркиби луғавии асарҳои Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ, махсусан «Кимиёи саодат» аз нуқтаи назари забоншиносӣ муайян менамояд.

Рисолаи мазкур дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ таълиф гардида, дар он баъзе масоили иброзшуда, ки то ба имрӯз дастнохӯрда мебошанд, мавҷуд аст, ки таҳқиқи онҳо дар доираи матни «Кимиёи саодат» моҳияти арзиши баланди илмию таълимӣ доранд. Бинобар ин пажӯҳишу таҳқиқи

хусусиятҳои лексикӣ-семантикии кутуби «Кимиёи саодат»-и Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ аз диди наву муосир саҳифаи тозае дар забоншиносии тоҷик хоҳанд буд.

Диссертатсияи Раҳмоналиев Ҷовидон Худоёрович зери номи "Лексикаи «Кимиёи саодат»-и Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ" аз муқаддима, се боб, зербобҳо, хулоса ва феҳристи манобеи истифодашуда иборат мебошад.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ. Диссертант зимни таҳқиқи мавзуъ дар низди худ мақсад гузоштааст, ки хусусиятҳои луғавию семантикии асари Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ «Кимиёи саодат»-ро ҳаматарафа ва ба таври муназзам таҳқиқ намояд. Аз ин рӯ дар раванди таҳқиқ вазифаҳои зерин аҷом дода шудаанд:

- омӯзишу таҳлили забон ва услуби баёни Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ дар «Кимиёи саодат»;
- таснифи дақиқ ва низомноки вожагони «Кимиёи саодат» аз лиҳози баромади забонӣ;
- муайян намудани калимаҳои аслӣ ва истифодаи онҳо дар «Кимиёи саодат»;
- муайян ва таҳлилу баррасии калимаҳои иқтибосии арабӣ, туркӣ ва юнонии асар;
- таснифоти мавзуии истилоҳоти соҳаи дин, фалсафа, илм, сиёсат ва тиббӣ дар «Кимиёи саодат»;
- омӯзиш ва таснифоти вожагон аз рӯйи ифодаи мафҳумҳои гуногун: вожагони ифодагари номи ашхос, номгузории узвҳои бадани инсон (анатомия), молу ашё, воситаҳои меҳнат, растаниву гиёҳ (фитонимҳо), номи ҳайвонот (зоонимия), ҷирмҳои осмонӣ, рангҳо, таъм, ҳаҷм, мавзеъҳо, сару либос, анъана ва расму русум (этнографизмҳо), силоҳ;
- муайян ва таҳлили калимаҳои сермаъно, ки дар асар мавриди истифода қарор дода шудаанд;

- ошкор намудани синонимия ҳамчун падидаи забонӣ дар асар ва таҳлил намудани онҳо дар мувофиқат бо меъёрҳои забонӣ;
- муайян ва таҳқиқи омонимҳо дар асар ва асоснок намудани онҳо мувофиқи қоидаҳои забонӣ;
- муайян ва омӯзиши антонимҳо дар асар ва муқаррар кардани онҳо аз назари мавзуъ.

Объекти таҳқиқи диссертатсиониро баррасии хусусиятҳои семантикию маъноии «Кимиёи саодат»-и Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ ташкил медиҳад.

Предмети таҳқиқ. Предмети тадқиқи кори диссертатсионӣ баррасии лексикаи «Кимиёи саодат»-и Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ мебошад.

Асосҳои назарии таҳқиқ. Зимни таҳқиқи диссертатсия пажуҳишу таҳқиқоти забоншиносони ватанӣ ва хориҷӣ, ба монанди В.В. Виноградов, Н.М. Шанский, Д.Н. Шмелёв, Л.С. Пейсиков, А.Л. Новиков, Д.Э. Розентал, Б. Ниёзмуҳаммадов, Н. Маъсумӣ, Д.Т. Тоҷиев, М.Н. Қосимова, Б. Камолиддинов, Ҳ. Маҷидов, С. Ҳалимов, Д. Хоҷаев, Т. Шокиров, Ш. Кабиров, З. Мухторов, Ш. Исматуллозода, Ф. Шарифова, М. Саломов, Ж. Гулназарова истифода шудаанд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар забоншиносии тоҷик оид ба масоили луғатшиносӣ, семасиология ва услубҳои тарзи баён корҳои зиёде анҷом дода шудаанд. Аммо масоили фавқуззикр дар доираи осори Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ то ба имрӯз пурра таҳқиқ нашудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқ. Дар диссертатсияи мазкур бори аввал лексикаи «Кимиёи саодат»-и Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ аз ҷиҳати сохтори маъноӣ мавриди таҳқиқи мукаммал қарор дода шудааст. Зимни омӯзиши пурраи лексика ва баромади онҳо муайян гардид. Дар диссертатсия хусусиятҳои маъноии вожаҳо низ муайян карда шудаанд.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар ҷамъбастнамоии корҳои илмии муҳаққиқон, ки ба коркарди масъалаи хусусиятҳои лугавию семантикӣ ва услубию маъноии вожагон, омӯзиши маъноии калимаҳо дар

асарҳо, таҳлили луғавии матн бахшида шудаанд, зоҳир мегардад, ки ба таҳлили луғавӣ дар асар имкон медиҳад. Таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки муносибатҳои нав дар таҳлили маъноиву услубии матн коркард карда шавад.

Натиҷагириҳо аз ин таҳқиқ назарияи илми лексикологияи тоҷикро боз ҳам мукаммалтар намуда, дастовардҳои он барои таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ оид ба лексикология ва тартиб додани луғатҳои соҳавӣ метавонад чун мавод истифода шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти Раҳмоналиев Ҷовидон Худоёрович дар мақолаҳои илмӣ аз ҷумла 5 мақолае, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст. Инчунин номгӯйи онҳо дар хотимаи рисола низ оварда шудаанд.

Ҳангоми баррасии диссертатсияи унвонҷӯй аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба якчанд ҷанбаҳои он ҳамчун ҷанбаи норасоӣ ишора шуд, ки яке ба мукаммалтар намудани афкори назарӣ ва дигаре ба ҷо доштани ғалатҳои имлоиву услубӣ дахл доштанд.

Бо дарназардошти эътирофи ин норасоиҳо ва батараф намудани онҳо аз тарафи муаллифи диссертатсия ҷаласаи муштараки кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара ва кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав диссертатсияи мазкурро чун кори илмии мукаммал ва анҷомёфта эътироф менамоянд.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Раҳмоналиев Ҷовидон Худоёрович дар мавзуи “Лексикаи «Кимиёи саодат»-и Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ” ба талаботи рисолаҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад. Аз ин рӯ, кори анҷомёфтаро барои дарёфти дараҷаи номзадӣ аз рӯйи ихтисоси болозикр тавсия менамоянд.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи муштараки кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара ва кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав қабул шудааст.

Суратмаҷлиси №6, аз 28-уми январи соли 2022

Дар ҷаласаи муштарак иштирок доштанд 11 нафар, аз ҷумла 1 нафар доктори илм, 5 нафар номзадону дотсентон ва 5 нафар саромӯзгору ассистентон, ки дар вақти овоздиҳӣ овози 5 нафар омӯзгорони беунвон қувваи қонунӣ нагирфт.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 6 нафар, «муқобил»-нест, «бетараф»-нест, қарори №6, аз 28. 01. 2022.

Хулоса дар муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Данғара қабул гардид.

Раискунанда, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент Д.С. Қодиров

Котиби илмӣ, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент Қ.Н. Самардинов

Имзои Д.С. Қодиров ва Қ.Н. Самардиновро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара
«31» 01 2022. Н.Ҷ. Ҷабборӣ

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА